Замима
ба фармоиши раиси Муассисаи давлатии
“Комиссияи олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”
аз «30» 12 соли 2025, №169

Нақшаи
чорабиниҳои Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2025 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр гардидаанд

| № | Номгӯи чорабинҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати омӯзиши паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ва амалӣ кардани вазифаҳои дар он зикргардида | Январи соли 2026 | Саркотиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои кадрҳо ва корҳои махсус, коргузорӣ ва назорат | Таҳия нақшаи чорабиниҳо ва фармоиши раиси Комиссия |
| 2. | Беҳтар кардани фаъолияти низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо ва ҷорӣ намудани низоми нави имзои электронӣ тавассути шинохти чеҳра | Дар давоми соли 2026 | Муовини раис ва бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмӣ | Пешниҳоди маълумотнома |
| 3. | Вусъат додани ҳисоббаробар-кунии ғайринакдӣ ва гузаштан ба | Дар нимсолаи | Муовини раис ва шуъбаи молия ва | Пешниҳоди маълумотнома |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | иқтисоди рақамӣ, рақамикунонии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ | якуми соли 2026 | муҳосибот | |
| 4. | Таъмини истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, истифодаи таҷҳизоти техникии каммасрафи неруи барқ дар дастгоҳҳои корӣ ва бинои Комиссия | Дар давоми соли 2026 | Шуъбаи таъминот ва хоҷагидорӣ | Пешниҳоди гузориш дар ҳар семоҳа |
| 5. | Ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати ҷалби маблағҳои грантӣ барои рушди соҳа | Дар давоми соли 2026 | Муовини раис ва бахши таъмини лоиҳаҳои грантӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ | Пешниҳоди маълумотнома дар ҳар 6-моҳа |
| 6. | Таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ва ташкили тарғиби зиёдшавии корҳои диссертатсионии соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ | Дар давоми соли 2025 | Саркотиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ ва шуроҳои диссертатсионӣ | Пешниҳоди маълумотнома |
| 7. | Ташкили курсҳои кӯтоҳмудати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, русӣ ва англисӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи забондонии кормандони Комиссия | Дар давоми соли 2026 | Муовини раис ва бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмӣ | Пешниҳоди ҳисобот |
| 8. | Баланд бардоштани масъулияти кормандон оид ба таълиму тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ ва дорои ҳисси баланди худшиносии | Мунтазам | Ҳамаи кормандон | Дар мавриди зарурӣ пешниҳоди маълумот |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | миллӣ | | | |
| 9. | Тарғиби «Даҳсолаи илмҳои криосфера» (солҳои 2025-2034) вапешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши пиряххо, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ ва ҷузъи сиёсати давлатӣ миёни кормандони илмӣ | Дар давоми соли 2026 | Саркотиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ ва бахшҳо | Пешниҳоди ҳисобот |
| 10. | Таъсиси шуроҳои диссертат-сионӣ аз рӯйи ихтисосҳои нодир, ҷалби олимони хориҷӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ ва экспертҳои холис ҷиҳати баҳодиҳӣ ба корҳои илмӣ | Дар давоми соли 2026 | Саркотиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ ва бахшҳо | Пешниҳоди ҳисобот |
| 11. | Таҳия ва тасдиқи нақшаи хонишҳои идоравӣ бо даъвати намояндаҳои сохторҳои дахлдори макомотҳои давлатӣ вобаста ба ҷашну идҳо (аз ҷумла Садда, Наврӯзи байналмилалӣ, Тиргон, Меҳргон ) | Мунтазам | Муовини раис ва шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус | Пешниҳоди маълумотнома |
| 12. | Андешидани тадбирҳои доимӣ ҷиҳати дастгирии ҷавонон, дар қалби онҳо ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, баланд бардошта-ни нақш ва мавқеи онҳо дар | Мунтазам | Саркотиби илмӣ, мудирони шуъбаҳо ва бахшҳо | Пешниҳоди маълумотнома ҳар шашмоҳа |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҷомеа, дастгирии ташаббусҳои созандаи онҳо | | | |
| 13. | Тар□ибу ташви□и либоси милл□, аз байн бурдани тамоюли бегонапараст□, пешгирии хурофотпараст□, инчунин исрофкориву зиёдаравӣ | Мунтазам | Саркотиби илмӣ, мудирони шуъбаҳо ва бахшҳо | Пешниҳоди маълумот ҳар нимсола |
| 14. | Беҳтар кардани фаъолияти Китобхонаи электронӣ барои нигоҳдорӣ, дастрасӣ ва истифодаи самараноки захираҳои илмӣ, хусусан диссертатсияҳо ва авторефератҳо | Мунтазам | Саркотиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ | Пешниҳоди гузориш ҳар нимсола |
| 15. | Бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ вусъат додани корҳои ободонию кабудизоркунӣ, тозаю озода нигоҳ доштани сатҳи ҳавлӣ ва утоқҳои корӣ ва гузаронидани шанбегиҳо | Дар давоми соли 2026 | Муовини раис, шуъбаи молия ва муҳосибот, шуъбаю бахшҳо ва ҳамаи кормандон | Пешниҳоди маълумотнома ҳар семоҳа |